# ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ
# “ИМКОНИЯТ”

# ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

МУТОБИҚИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ
БАРОИ СОЛИ 2023,КИ ДАР САНАИ 31-УМИ ДЕКАБР
ХОТИМА ЁФТААСТ, ТАҲИЯ ГАРДИДААСТ.

**МУНДАРИҶА**

ТАЪКИДИ РОҲБАРИЯТ ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ........................................................................................................................3

ХУЛОСАИ АУДИТОРИЯИ МУСТАҚИЛ.............................................................................4

ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ВАЗЪИЯТИ МОЛИЯВӢ..............................................................7

ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ МАҶМӮИ ДАРОМАД...................................................................8

ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ...............................................9

ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ТАЪҒИРОТҲО ДАР САРМОЯИ ХУДӢ...................................10

ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ..................................................................................11

## ТАЪКИДИ РОҲБАРИЯТ ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛИ ҲИСОБОТИИ ДАР САНАИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 ХОТИМА ЁФТААСТ.

Таъкиди зерин бояд ба зикри ӯҳдадориҳои аудиторҳо, ки дар саҳифаи 4-и ҳисоботи аудиторҳои мустақил оварда шудааст, чуе ҳудудгузорӣ ё фарқияти байни масъулияти аудиторҳо ва роҳбарият дар бобати ҳисоботи молиявии ФҚҲ “Имконият”(минбаъд дар матн чун Фонд зикр мешавад) ҳисобида шавад.

Роҳбарияти Фонд барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ, ки эътимоднокии тамоми ҷанбаҳои вазъияти молиявӣ, натиҷаи фаъолият, гардиши маблағ ва тағйирот дар сармояи Фонд тайи соли ҳисоботии дар санаи 31- уми декабри соли 2023 хотимаёфтаро мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд чун СБХМ зикр мегардад) инъикос намояд, масъул мебошад.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ роҳбарият масъулияти амалҳои зеринро ба ӯҳда дорад:

- Интихоби усулҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибавӣ ва истифодаи мунтазами онҳо;
- Риоя кардани талаботи СБХМ ва шарҳ додани ҳамагуна инҳирофҳои назаррас аз меъёрҳои СБХМ дар эзоҳот ба ҳисоботҳои молиявӣ;
- Таҳия намудани ҳисоботи молиявӣ бо назардошти эҳтимолияти он ки Фонд дар оянда фаъолияти худро идома хоҳад дод, ба истиснои мавридҳое, ки чунин эҳтимол ғайриқонунӣ бошад.

Роҳбарият ҳамчунон барои амалҳои зерин масъул аст:

- Таҳия, амалсози ва таъмини фаъолияти самарабахш ва боэътимоди низоми назорати дохилии Фонд;
- Нигоҳдории ҳисобдорӣ дар сатҳи зарурие, ки имконияти дар вақти лозими ба таври дақиқ маълумот дар бораи вазъияти молиявии Фонд омода менамояд ва мутобиқати ҳисоботи молиявиро бо талаботҳои СБХМ таъмин менамояд;
- Ба роҳ мондани ҳисобдори мутобиқи қонунгузорӣ ва стандартҳои ҳисобдории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Дар чорчӯбаи салоҳияти худ андешидани чораҳо барои ҳифзи дороиҳои Фонд;
- Ошкор ва пешгирӣ намудани ҳодисаҳои қаллобӣ, иштибоҳ ва дигар сӯиистифодаҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соли ҳисоботии дар санаи 31- уми декабри соли 2023 анҷомёфта аз тарафи роҳбарияти Фонд тасдиқ гардидааст.

**Аз номи ФҚҲ “ИМКОНИЯТ”**

Директор _____________________ Саидова Ф.Б.

Сармуҳосиб ____________________ Стрелникова Т.В.

**ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ “ИМКОНИЯТ”**
**ХИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023**

## ХУЛОСАИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

**Ба Шӯрои Парасторон ва Роҳбарияти Фонди Қарзии Хурди “ИМКОНИЯТ”**
**Ақида бо тавзеҳот**
Мо тафтиши аудитории ҳисоботи молиявии замимагардидаи ФҚХ “Имконият”-ро (минбаъд Фонд), ки аз ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ба 31 декабри соли 2022, ҳисобот оиди маҷмӯи даромад, ҳисобот оиди тағйирот дар сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ иборат аст гузаронидем, ки дар соли нишондодашуда ба анҷом мерасад ва инчунин тавсифи унсурҳои муҳими сиёсати баҳисобгирӣ ва эзоҳҳо ба ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад.
Ба фикри мо, ҳисоботи молиявӣ аз ҳамаи ҷиҳатҳои назаррасҳолати молиявии Фондро ба санаи 31-уми декабри соли 2023, натиҷаҳои фаъолияти он ва ҳаракати воситаҳои пулиро барои соле, ки дар таърихи зикргардида анҷом меёбад дар мутобиқат бо Стандартҳои Ҳисоботи Молиявии Байналмилалии дуруст инъикос менамояд.
Мо тафтишоти аудиториро мувофиқи Стандартҳои Байналмилалии Аудит гузаронидем. Ӯҳдадории мо мувофиқи ин стандартҳо дар қисми “Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ” нишон дода шудааст. Мо нисбати Фонд мувофиқи “Кодекси ахлоқ ва одоби аудиторони касбӣ”-и Шӯрои оиди стандартҳои байналмилалии ахлоқу одоби муҳосибон ва талаботҳои этикӣ, ки ба аудити ҳисоботи молияви дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таалуқ дорад мустақил ҳастем ва дигар ӯҳдадориҳоро мувофиқи ин талаботҳо иҷро намудем. Мо чунин мешуморем, ки далелҳои аудитории аз тарафи мо ба даст оварда шуда, барои изҳори ақидаи аудитории мо кифоя муносибат мебошад.

**Масъулияти роҳбарият оиди ҳисоботи молиявӣ**
Масъулият нисбати таҳия ва пешниҳоди одилонаи ҳисоботи молиявии мазкур мувофиқи Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботи Молиявиро роҳбарияти Фонд ба ӯҳда дорад.Ин масъулият: тартибдиҳӣ, воридкунӣ ва нигоҳдории назорати дохили ки ба таҳия ва пешниҳоди одилонаи ҳисоботи молиявии таҳрифи ҷиддӣ бо сабабҳои қаллобӣ ва хатогӣ надошта, интихоб ва истифодабарии сиёсати ҳисобгирии муносиб, ва асоснокии баҳодиҳиҳои ҳисобиро дарбар мегирад.

**Масъулияти аудиторон оиди аудити ҳисоботи молиявӣ.**
Мақсади мо ба даст овардани боварии устуворе, ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифи ҷидди бо сабабҳои хатогӣ ё амалҳои муҳосилакорона надорад, ва дар тартиб додани хулосаи аудиторӣ изҳори ақидаи моро дар бар мегирад. Боварии устувор –ин дараҷаи баланди боваринокиро ифода мекунад, аммо барои ҳамавақт дарёфт намудани хатогиҳои назаррас ки дар раванди тафтиши аудитории мувофиқи СБА гузаронидашуда кафолат намедиҳад. Таҳриф метавонад натиҷаи хатогӣ ё амалиётҳои мусоҳибакорона бошад ва назаррас ба ҳисоб меравад, агар бо асос тахмин карда шавад ки дар алоҳидаги ё дар маҷмӯъ онҳо бо қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон , ки дар асоси ҳамин ҳисоботи молиявӣ қабул кардашаванда таъсир расонад.

Дар чорчӯбаи аудити мувофиқи СБА гузаронидашаванда, мо ақидаронии касбиро истифода мебарем ва нобоварии касбиро дар давоми раванди аудит нигоҳ медорем. Ғайр аз он:
а) хавфҳои таҳрифи назаррас ки ҳамчун натиҷаи хатоги ё амалҳои мусоҳилкорона ба миён омадааанд ошкор ва баҳо медиҳем; ҷавобан ба ин хавфҳо амалиётҳои аудитро коркард ва

мегузаронем; далелҳои аудитории кифоя ва боэътимодро ҷамъ меоварем, ки асоси инъикоси ақидаи мо мегардаднд. Хавфи ошкор нагардидани таҳрифҳои назаррас дар натиҷаи амалҳои мусоҳилкорона муҳимтар аст нисбат ба хавфи ошкор нашудаи таҳрифҳои назаррас дар натиҷаи роҳ додани хатогиҳо, зеро амалҳои мусоҳилакорона метавонанад забоняккуни, сохтакори, амали қасдан ба назар нагирифтан, таҳрифи ахбороти пешниҳодшуда ё амали хилофи системаи назорати дохилиро дарбар гирад.
б) системаи назорати дохили, ки барои аудит бо мақсади таҳия намудани тартиботи аудитори барои ҳолатҳои мувофиқ аҳамият дорад меомӯзем, аммо на бо мақсади инъикоси ақида оиди самаранокии системаи назорати дохили шахси тафтишшаванда;
в) ба дурусти сиёсати ҳисобгирӣ истифодашаванда асосноки баҳодии баҳисобгирӣ ва ба эзоҳдиҳии мувофиқи ахборотҳо ки аз тарафи роҳбарияти шахси тафтишшаванда таёр карда шудааст, баҳо медиҳем;
г) оиди дуруст истифодабарии фарзкуни нисбат ба фаъолияти бефосила аз тарафи роҳбарияти шахси тафтишшаванда хулоса мебарорем ва дар асоси далелҳои аудитори гирифташуда оиди мавҷуд будани номуаяниҳои назарраси ба воқеъа ё шартҳои ки дар натиҷаи онҳо шубҳаҳои ҷидди нисбати қобилияти давом додани фаъолияти бефосилаи шахси тафтишшаванда пайдо мегарданд, хулоса мебарорем. Агар мо оиди мавҷудияти номуайяниҳои назаррас ошкор намоем, мо бояд диққатро дар хулосаи аудитори худ ба эзоҳи ахбороти мутобиқ дар ҳисоботи муҳосибии солона ҷалб намоем, агар чунин эзоҳдиҳии ахборотӣ мутобиқ дар ҳисоботи муҳосибии солона ҷалб намоем, агар чунин эзоҳдиҳии ахборот номувофиқ бошад шакли хулосаи худро тағйир диҳем. Ақидаҳои мо ба далелҳои аудиторӣ ки то санаи хулосаи аудитории мо гирифта шудаанд асос ёфтанд. Аммо воқеъаҳо ё шароитҳо дар оянда метавонанд ба қобилияти давом додани бефосилаи фаъолияти шахси тафтишшаванда таъсир расонанд;
д) ба пешниҳодкунии ҳисоботи муҳосиби умуман таркиб ва мазмуни он  бо назардошти эзоҳи ахборотҳо, инчунин амалиётҳо  ба воқеъаҳое, ки асоси ҳисоботи солонаи муҳосиби ва таъмини боэътимодии онро нишон медиҳанд, баҳо мегузорем.

**ҶДММ “Расселл Бедфорд ААА”**

**Директор _________________ Ҳамдамов А.Н.**

02 апрели соли 2024
ш .Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ “ИМКОНИЯТ”**
**ХИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023**

## Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ

Ба санаи 31-уми декабри соли 2023

| | Эзоҳ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | 4.1 | 207 622 | 574 949 |
| Сандуки қарзии соф | 4.2 | 11 052 502 | 10 286 324 |
| Дороиҳои дигари ҷорӣ | 4.3 | 289 830 | 294 034 |
| Сармоягузорӣ | 4.4 | 10 000 | 10 000 |
| Дороиҳои дарозмӯҳлат | 4.5 | 601 696 | 422 532 |
| Дигар дороиҳо | 4.5 | - | 53 816 |
| **Ҳамаги дороиҳо** | | **12 161 650** | **11 641 655** |
| | | | |
| **ӮҲДАДОРИҲО** | | | |
| Қарзҳои гирифташуда | 4.6. | 2 302 176 | 2 024 980 |
| Ӯҳдадориҳои дигар | 4.7 | 696 677 | 1 144 683 |
| Андозҳо барои пардохт | 4.8 | 32 320 | 92 469 |
| **Ҳамаги уҳдадориҳо** | | **3 031 173** | **3 262 132** |
| | | | |
| Сармояи иловагӣ | 4.9 | 5 600 001 | 5 600 001 |
| Захираи умумӣ | 4.10 | 226 332 | 195 099 |
| Фоидаи тақсимнашаванда | 4.11 | 2 549 996 | 1 746 974 |
| Фоидаи софи соли ҷорӣ | 4.11 | 754 148 | 837 448 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **9 130 477** | **8 379 523** |
| **Ҳамаги сармоя ва ӯҳдадориҳо** | | **12 161 650** | **11 641 655** |

**Директор** ______________________ **Саидова Ф.Б.**

**Сармуҳосиб** _____________________ **Стрельникова Т.В.**

**ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ “ИМКОНИЯТ”**
**ХИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023**

## Ҳисобот оиди даромади маҷмӯи

Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2023 ба анҷом мерасад

| | Эхоҳ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 5.1 | 3 289 252 | 2 939 281 |
| Хароҷоти фоизӣ | 5.1 | (179 504) | (173 919) |
| **Даромади софи фоизӣ то барқарорсозии (ташаккулдиҳии) захираҳо** | | **3 109 748** | **2 765 362** |
| Барқароршавии захираи қарзҳои беқурбшуда | | 22 476 | 32 585 |
| Ташаккулдиҳии захираи қарзҳои беқурбшуда | | (13 477) | (32 866) |
| **Захираи софи беқурбшавии қарзҳо** | 5.2 | **8 999** | **(281)** |
| **Даромади софи фоизӣ** | | **3 118 747** | **2 765 081** |
| Даромад аз хизматрасонӣ (комиссионӣ) | 5.3 | 132 886 | 114 473 |
| Хароҷот аз хизматрасонӣ (комиссионӣ) | 5.3 | (45 478) | (47 186) |
| Дигар даромадҳои амалиётӣ | 5.4 | 1 116 713 | 745 579 |
| **Даромади софи ғайрифоизӣ** | | **1 116 713** | **812 866** |
| **Ҳамаги даромади амалиётӣ** | | **4 235 460** | **3 577 947** |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 5.5 | (3 283 307) | (2 520 937) |
| **Фоидаи софи амалиётӣ** | | **952 153** | **1 057 010** |
| Фоида зарари ғайриамалиётӣ | | - | - |
| **Фоидаи андозбандишаванда** | | **952 153** | **1 057 010** |
| Андоз аз фоида | 5.6 | (198 005) | (219 561) |
| **Фоидаи соф** | | **754 148** | **837 449** |
| ***Дигар даромади умумӣ:*** | | | |
| Таъсироти азнавбаҳодиҳии амвол | | - | - |
| **Ҳамаги дигар даромади умумӣ** | | **-** | **-** |
| **Ҳамаги даромади умумӣ** | | **754 148** | **837 449** |

**Директор ____________________ Саидова Ф.Б.**

**Сармуҳосиб ___________________ Стельникова Т.В.**

**ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ "ИМКОНИЯТ"**
**ХИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023**

## Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ

барои давраи ҳисоботе, ки 31-уми декабрисоли 2023 ба анҷом мерасад

| | 2023 | 2022 |
|---|---|---|
| **Ҳаракати воситаҳои пули аз фаъолияти амалиети :** | | |
| Фоиз ва комиссияҳои гирифта | 3 263 250 | 3 261 525 |
| Фоиз ва комиссионҳои пардохташуда | (218 512) | (213 115) |
| Пардохти музди мехнат ва андози иҷтимоӣ | (2 126 487) | (1 794 301) |
| Дигар даромади гирифташуда | 1 162 191 | 745 579 |
| Дигар хароҷотҳои пардохташуда | (2 643 127) | (703 225) |
| Суди саҳмиящои гирифташуда | - | - |
| Андоз аз фоидаи пардохташуда | (205 528) | (196 376) |
| **Ҳаракати воситаҳои пули аз фаъолияти амалиети то тағироти дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиёти :** | **(768 213)** | **1 100 087** |
| **Тағироти дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиёти:** | | |
| Афзоиши/камшавии софи қарзҳои гирифташуда | (227 196) | (1 166 771) |
| Афзоиши/камшавии софи қарз ва пешпардохт ба муштариён | 766 179 | 472 904 |
| **Ҳаракати софи воситаҳои пули аз фаъолияти амалиети** | **(279 231)** | **406 220** |
| **Ҳаракати воситаҳои пули аз фаъолияти сармоягузори:** | | |
| Воридот аз фурӯши воситаҳои асосӣ | 400 | - |
| Хариди дороиҳои дарозмӯҳлат | (88 496) | - |
| **Ҳаракати софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | **(88 096)** | |
| **Ҳаракати воситаҳои пули аз фаъолияти молиявӣ** | - | - |
| Пардохтҳо ба сармояи оинномавӣ | - | - |
| Пардохти дивидендхо | - | - |
| **Ҳаракати софи воситаҳои пули аз фаъолияти молиявӣ** | **-** | **-** |
| ***Афзоиши софи ва эквивалентҳои воситаҳои пули*** | **(367 327)** | **406 220** |
| Даромад/(зарар) аз қурби асъор | | |
| ***Воситаҳои пули ва эквивалентҳои он дар аввали сол*** | **574 949** | **168 729** |
| ***Воситаҳои пули ва эквивалентҳои он дар охири сол*** | **207 622** | **574 949** |

**Директор** ______________________ **Саидова Ф.Б.**

**Сармуҳосиб** _____________________ **Стрельникова Т.В.**

## Ҳисобот дар бораи тағирот дар сармоя

барои давраҳои ҳисоботе, ки 31-уми декабри соли 2023 ба анҷом мерасад.

| Номгӯи нишондиҳанда | Сармояи иловагӣ | Захираи умумӣ | Фоидаи тақсимна шуда | Фоидаи софи соли ҷорӣ | ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия ба 31.12.2022с** | **5 600 001** | **195 099** | **1 746 974** | **837 448** | **8 379 523** |
| Ташаккулёбӣ, истифодабарӣ | - | 31 233 | (34 426) | | (3 193) |
| Фоидаи софӣ соли 2022 | - | - | - | 754 147 | 754 147 |
| Дигар амалиет | - | - | 837 448 | (837 448) | - |
| **Бақия ба 31.12.2023с** | **5 600 001** | **226 332** | **2 549 996** | **754 147** | **9 130 477** |

**Директор ______________________ Саидова Ф.Б.**

**Сармуҳосиб _____________________ Стрельникова Т.В.**

**ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ "ИМКОНИЯТ"**
**ХИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023**

## ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

### 1. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТ

Фонди қарзии хурди "Имконият" (минбаъд дар ин мкатн чун Фонд зикр мешавад) шахси ҳуқуқӣ, ғайритиҷоратӣ буда, мутобиқи қонкнгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва фаъолияти худро дар асоси оиннома ва Иҷозатномаи Бонки Миллии Тоҷикистон анҷом медиҳад.

Фонд дар асоси қарори муассис мувофиқи Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон , Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "дар бораи Ташкилотҳои маблағгузории хурд" ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки Миллии Тоҷикистон таъсис ёфтааст. Бақайдгирии давлатии Фонд санаи 15 апрели соли 2005 дар Вазорати Адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами №001-1751 анҷом дода шудааст. Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии "Фонд" таҳти рақами ягонаи мушаххас №182382 дар санаи 18 ноябри соли 2009 дода шудааст.

Дар айни замон ФҚХ дар асоси чунин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи фаъолияти худро анҷом медиҳад:
Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ № 001-1751, аз 15.04.2005с
Шаҳодатномаи азнавбақайдгирӣ №182382 аз 18.11.2009с
Иҷозатномаи БТМ №0000051аз 19.06.2015с.

**Мақоми идоракунии ФҚХ:**

**Шӯрои парасторон - мақоми олии идоракунӣ:**

1. Ибрагимова Л.К. - Раиси Шӯро;
2. Эргашев М.А. -аъзои Шӯро
3. Рахимов Ш.Б. - аъзои Шӯро

**Мақоми иҷроияи Фонд ғ Раёсати Фонд:**

Саидова Ф.Б. – Директор Раиси Раёсат;
Стрельникова Т.В. - Сармуҳосиб аъзои Раёсат
Рахимов Н.К. – Ҳуқуқшинос аъзои Раёсат

Дар санаи 19 июни соли 2015 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба Фонд барои гузаронидани чунин амалиётҳо Иҷозатнома дода шудааст:

1. Пешниҳоди қарзҳо;
2. Бастани қарордодҳои фаври ва своп барои худ.

Мақсади фаъолияти ФҚХ "Имконият" ин мусоидат ба дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ тавассути пешниҳоди қарзҳои хурд буда ва ба ин восита саҳмгузорӣ дар баланд бардоштани сатҳи некӯаҳолии мардум мебошад.

**ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ "ИМКОНИЯТ"**
**ХИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023**

**Муасисони Фонд:**
Муассиси ягонаи Фонд шахси ҳуқуқӣ, резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ташкилоти Ҷамъиятии Ситораи Наҷод" ба шумор меравад.
ФҚХ "Имконият" дар суроғаи зерин ҷойгир шудааст: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, к.Б.Ғафуров 10. Филиали расмии ФҚХ дар н.Восеъ, к.Амиршоев 20.

## 2. АСОСОҲОИ ТАҲИЯИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

Асоси бурдани ҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявии Фондро стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ташкил медиҳанд ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ба санадҳои меъёри- ҳуқуқии ҶТ мухолифат менамоянд.

Ҳисоботи молиявии Фонд бо назардошт ва истифодаи усули ҳисобу замкуни ва усули фаъолияти мутассилӣ ( бефосила) тартиб дода шудааст.

Усули ҳисобу замкуни пешбинӣ менамояд, ки таъсири амалиёт ва дигар рӯйдодҳо ба ҳисоботи молиявӣ дар лаҳзаи рӯй додани онҳо ба инобат гирифта мешавад, на ҳангоми дарёфти воқеии маблағ ё пардохти он дар давраҳои дахлдори ҳисоботӣ.

Усули мутаасилӣ дар назар дорад, ки Фонд дар ояндаи наздик ният ва зарурат ба барҳамдиҳи ва ё коҳиши ҷидди фаъолияти худро надорад.

### 2.1 Таркиби ҳисоботи молиявӣ

Таркиби ҳисоботи молиявии Фонд ҳисоботҳои зерини молиявиро дар бар мегирад:

- Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ
- Ҳисобот оиди маҷмӯи даромадҳо
- Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ ҳисобот дар бораи тағйиротҳо дар сармояи худӣ
- Эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ

Давраи ҳисоботии Фонд соли тақвимӣ мебошад. Моддаҳои назарраси ҳисоботи молиявӣ ба таври алоҳида муаррифӣ (эзоҳ) гардида моддаҳои ғайриназарас гурӯҳбанди шудаанд.

### 2.2 Асъори ҳисобот

Фонд ба сифати асъори амалкунанда ва асъори муарифи кунандаи ҳисоботи молиявӣ асъори милии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Сомониро истифода мебаранд.

## 3. УСУЛҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ

### 3.1 Эътироф ва арзёбии воситаҳои молиявӣ

Дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои молиявӣ дар сурате дар тавозун эътироф карда мешавад, ки агар Фонд нисбат ба ин ё он воситаи молиявӣ аз рӯи қарордод яке аз тарафҳои муомилакунанда бошад. Дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳо бо истифодаи усули ҳисобу замкуни дар санаи амалиёт эътироф карда мешаванд. Ҳангоми бори аввал эътироф кардани воситаҳои молиявӣ аз рӯи арзиши одилонаи ифодаи пулии муомилот зимни дохил кардан ё нигоҳ доштани хароҷоти амалишавии онҳо инъикос меёбад. Фонд дороиҳои молиявии худро аз рӯи гурӯҳҳои зерин тасниф мекунад: сармоягузорӣ нигоҳдошташуда то пардохт, сармоягузории мавҷудбуда барои фурӯш, қарзҳои додашуда ва қарзҳои дебиторӣ. Роҳбарият гурӯҳбандии дороиҳои молиявии худро ҳангоме эътирофи аввалаи онҳо муайян мекунад.
Шартҳои баҳисобгирие, ки Фонд дар рафти баҳодиҳии минбаъдаи дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявии худ истифода мебарад, дар бандҳои дахлдории сиёсати баҳисобгирии он дар зер оварда шудаанд, шарҳ дода мешавад.

### 3.2 Воситаҳои пули

Воситаҳои пули эквиваленти он- пули нақди дар хазинаи Фонд буда ва маблағи дар ҳисоботҳои муросилоти дар бонкҳо гузошташударо, дарбар мегирад.

### 3.3 Сандуқи қарзи ва захира барои беарзишшавӣ

Баҳисобгирии аввалаи қарзи додашуда аз рӯи хароҷоти ҳақиқӣ, яъне аз рӯи арзиши одилонаи маблағи додашуда арзёби мегардад. Ӯҳдадории дебиторӣ ба сифати дорои дар лаҳзаи додани маблағ ба муштариён ҳисоб мешавад. Минбаъд қарз дар маблағи қарзи асосии пардохтнашуда мутобиқи шартномаи қарзи бо тарҳи Фонд барои пушонидани талафотҳои имконпазир (камарзишшавӣ) баҳисоб гирифта мешавад. Дар сурати мавҷуд будани нишонаҳои объективии камарзишшавии қарзи додашуда дар натиҷаи ҳодисаҳои руйдодашуда баъд аз ҳисобгирии аввалаи дорои, Фонд захираи барои камарзишшавиро барои ҷуброн намудани зарар барои қарзи алоҳида ташкил медиҳад. Ҳисобкунии захира барои камарзишшавӣ дар асоси таҳлили дороиҳои ба хавфи қарзи дучоршаванда бо меъёрҳои дар сиёсати ҳисобгирии дохила пешбини шуда анҷом мегирад.Фонд барои пӯшонидани талафотҳои имконпазир дар ҳисоботи молиявӣ фақат барои талафоти воридшуда то санаи таҳияи ҳисобот ба асоси нишонаҳои объективии тасдиқкунандаи ин ки камарзишшави дар давраи баъд аз ҳисобкунии аввала руй додааст, дарназар гирифта мешавад.

Барқарорсозии Фонд қаблан ташаккулёфта дар ҳисобот оиди маҷмуаи даромади Фонд инъикос меёбад.

Мутобиқи сиёсати қарзӣ, карзҳое ки пардохти онҳо ғайриимкон аст аз ҳисоби захираи ташкилёфта аз тавозун хориҷ карда мешаванд ва дар ҳисобҳои ғайритавозуни ба ҳисоб гирифта мешаванд. Аз тавозун баровардани қарз фақат баъд аз андешидани тамоми чораҳо

барои гирифтани қарз ва тартиботи лозимаи муайян намудани маблағи зарар ҳамчунин пас ба тавозуни ФҚХ қабул кардани амволи гарав( агар гарав бошад) амали мегардад. Маълумот оиди қарзҳо дар ҳисобҳои ғайритавозуни мувофиқи сиёсати баҳисобгирии Фонд дар давоми 5(5) сол нигоҳ дошта мешавад.

Аз нав ҳисоб кардани Фонди пушонидани талафотҳои имконпазир ҳармоҳа, дар асоси пардохти воқеъи маблағи асоси фоизҳо дар асоси ҳисоботҳои таёр кардаи шуъбаи қарзи иҷро карда мешаванд.

Таснифи қарзҳо ва тартиби ташакулдиҳии ФПТИ аз рӯи Сиёсати ҳисобии дохилаи ФҚХ:

| **Гурӯҳ** | **Таъхирафтода (таъминбуда)** | **Таъхирафтода (таъминнабуда)** | **Меъёри ФПТИ(%)** | **Эътирофи даромад аз фоиз бо усули замкуни** |
|---|---|---|---|---|
| Қолабӣ | - | - | 2% | ҳа |
| Ғайриқолаби | то 30 рӯз | - | 5% | ҳа |
| Шубҳанок | аз 30 то 60 | то 30 рӯз | 30% | не |
| Хавфнок | аз 60 то 180 рӯз | аз 30 то 60 рӯз | 75% | не |
| Боэътимод | зиёда аз 180 рӯз | зиёда аз 60 | 100% | не |

### 3.4 Дигар дороиҳо

Ба ҳайси дигар дороиҳои ҷорӣ ҳисобҳо барои гирифтан, пешпардохт андоз маблағи зерҳисоби кормандон, пешпардохт барои хизматрасониҳо гаравҳо барои фурӯш ва дигар дороиҳо ба қайд гирифта мешаванд.

### 3.5 Иҷораи амалиётӣ

Иҷорае, ки зимни он қисми бештари хавфҳо ва ҳуқуқи соҳиби ба иҷорадиҳанда дода мешаванд, иҷораи амалиёти ба шумор меравад. ФҚҲ харачоти пардохти иҷораи биноро дар давраи ҳисоботи дар ҳисобот оиди маҷмӯи даромад ( фоида ва зарар ) аз рӯи усули ҳисобу замкуни инъикос менамоянд.

### 3.6 Воситаҳои асосӣ

Воситаҳои асосӣ аз рӯи харочоти ҳақиқӣ барои дарёфти онҳо дар ҳисобгири инъикос меёбанд. Баъд аз эътирофи ибтидои, воситаҳои асоси аз рӯи арзиши аввала бо назардошти тарҳи фарсудашавии онҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд. Харочоти минбаъда дар арзиши тавозуни дороиҳо дохил мешавад, агар эҳтимоли объективии дарёфти фоидаи иқтисодии вобаста ба истифодабарии дорои вуҷуд дошта бошад. Тамоми харочотҳои дигари минбаъда ки бо воситаҳои асоси вобастаанд, дар ҳисобот оиди маҷмуаи даромад (фоида ва зарар) дар давраи дахлдор инъикос мегардад.

Барои ҳисобгирии истеҳлоки воситаҳои асоси Фонд талаботи моддаи 118-и Кодекси андози Ҷумхурии Точикистон, ки дар соли 2021 эътибор дошт истифода менамояд. Фонд меъёрҳои зеринро барои ҳисобкунии фарсудашавии воситаҳои асоси муқарар кардааст:

| Номгӯи воситаҳои асосӣ | Меъёри истеҳлок (%) |
|---|---|
| Бино ва иншоот | 7 |
| Мебел ва таҷҳизот | 10 |
| Нақлиёти сабукрав | 10 |
| Таҷҳизоти компютерӣ | 10 |
| Дигар доираҳое, ки ба дигар гуруҳҳо шомил нестанд | 8 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 10 |

### 3.7 Ӯҳдадориҳои молиявӣ

Маблағҳои қарзи сараввал аз рӯи нархи дарёфти ки аз маблағи гирифташуда бо назардошти тарҳи хароҷоти бо ин амалиёт вобаста буда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ҳангоме, ки уҳдадориҳои молиявии мавҷуда иваз карда шаванд ба шартҳое, ки аз шартҳои ҳамон як қарздиҳанда ба куллӣ фарқ мекунанд ё шартҳои уҳдадориҳои мавҷуда ба таври ҷиддӣ тағйир меёбанд, чунин мубодила ё тағйирот боздоштани эътирофи уҳдадориҳои он ва эътирофи уҳдадориҳои нав ҳисобида мешавад. Фарқи байни арзиши тавозунии уҳдадориҳои ибтидоии молиявӣ ва пардохтҳои муносиб дар фоида ё зарар ба расмият шинохта мешавад.
.

Ӯҳдадориҳои ҷорӣ дар ҳисобот дар бораи вазъияти молиявии Фонд (тавозун) ба андозаи ба вуҷудоии онҳо – ҳангоми ҳисобу китоби музди меҳнати кормандон, маблағи ҳисобкардашудаи ӯҳдадориҳои андоз ва дигар ӯҳдадориҳои ҳисобшудаи амалиёти инъикос меёбанд.

### 3.8 Захираҳо

Фонд барои руйпӯшкунии зарарҳое, ки бо бурдани фаъолияти асосии худ вобаста аст ва ба мақсадҳои дигар аз рӯи қонунгузори захира ташкил медиҳад.

### 3.9 Эътироф кардани даромад ва хароҷот

Фонд дар ҷараёни фаъолияти амалиёти даромад ва хароҷотро аз рӯи усулу ҳисобу замкуни эътироф менамояд. аз рӯи усули ҳисобу замкуни даромад дар он давраи ҳисоботи эътироф карда мешавад ки дар он бозёфт шудааст, новобаста аз ворид гардидани маблағ ба ҳисоби Фонд ҳамин тавр харочот низ дар он давраи ҳисоботи инъикос меёбад ки дар он харочот ҷой дорад, сарфи назар аз он ки маблағи хараҷот аз тарафи Фонд дар ин давраи ҳисоботи пардохт шудааст ё не.

### 3.10 Андозбандӣ

Хароҷоти андоз аз фоида ки дар ҳисобот дар бораи маҷмуаи даромад инъикос ёфтааст- ин маблағи андози ҷорӣ аз фоида мебошад, ки мутобиқи қонунгузории амалкунандаи андози ҶТ ситонида мешавад. Фоидаи то андозбандии муҳосиби аз фоидаи андозбандишавандаи тибқи Кодекси андоз фарқ дорад, зеро барои ҳисобкунии андоз аз фоида бархе аз қисматҳои ҳамчун хароҷот эътирофгардида ба мақсади андозбанди истисно мешаванд. Ҳангоми ҳисобкунии андоз аз фоида меъёри андоз дар ҳаҷми 20  фоиз истифода бурда мешавад.

Андозбандии тавақуфшуда аз рӯи андоз аз фоида мутобиқи усули дороиҳо ва ӯҳдадориҳои тавозуни нисбат ба тамоми фарқиятҳои мувақатии байни манбаъи андозии дороиҳо ва ухдадориҳо ва арзиши тавозуни онҳо мутобиқи ҳисоботи молияви ҳисоб карда мешавад. Дороиҳо ва ухдадориҳои андозбандии тавақуфшуда бо истифода аз меъёру андозбандии истифодашаванда дар давраи ки дороиҳо фурӯхта мешаванд ва ӯҳдадориҳо бозпардохт мешаванд, зимни ба асосгирии меъёри андозбанди дар давраи мазкур ё амалан муқараршудадаро санаи тартибдиҳии ҳисобот муайян карда мешаванд.

Дороиҳо аз рӯи андозбандии тавақуфшуда ба он ҳаде ифода меёбанд, ки эҳтимолияти гирифтани фоидаи андозбандишуда вуҷуд дошта бошад, ки ба муқобили он метавон фарқияти мувақатиро истифода бурд.

### 3.11 Муомилот бо асъори хориҷӣ

Барои Фондҳом қарзии хурд мувофиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда ҳуқуқи гузаронидани амалиёт бо асъори хориҷӣ дода нашудааст. Фақат дар ҳолати пайдо шудани доройӣ ва ё ӯҳдадории молиявӣ бо асъори хориҷӣ Фонд онро мувофиқи қурби расмии амалкунандаи Бонки миллии Тоҷикистон дар тавозуни худ эътироф мекунад.

Муомилот бо асъори хориҷӣ сараввал бо асъори миллӣ аз рӯи қурби расми мубодилавии Бонки милии Тоҷикистон дар санаи амалиёт ифода меёбад. Фарқият байни қурби мубодилавии шартномавӣ ва қурби расмии БМТ дар санаи амалиёт ба ҳисоботи маҷмӯи даромад чун даромади соф аз муомилот бо асъори хориҷӣ дохил карда мешавад.

Дороиҳо ва ӯҳдадориҳои пулӣ (молиявӣ) аз рӯи қурби расмии БМТ дар санаи ҳисобот бо асъори миллӣ мубодила мегардад, фарқияти қурбии ба вуҷуд омада ҳангоми аз нав баҳодиҳии ин дороиҳо ва ӯҳдадориҳо дар ҳисобот оиди маҷмӯи даромад чун даромад ё хароҷоти софи азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ дохил мегарданд.

### 3.12 Сармояи худӣ

Сармояи худии Фонд аз сармояи иловагӣ, фоидаи тақсимнашуда, захираи умумӣ, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда ташаккул ёфтааст ва дигар захираҳо иборат аст.

## 4 <u>ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ</u>

### 4.1 Нақди хазина ва ҳамарзиши он

Воситаҳои пулии Фонд аз қисматҳои зерин иборатанд:

| | **2023** | **2022** |
|---|---|---|
| Пули нақд дар хазина - асъори милли | 88 426 | 86 307 |
| Пули нақд дар дигар воҳидҳои сохторӣ | - | - |
| Воситаҳои пули дар ҳисоби бонкӣ-сомони | 119 196 | 488 642 |
| **Ҳамагӣ** | **207 622** | **574 949** |

Амалиётҳои Фонд ба воситаи ҳисобҳои бонкӣ гузашта ва хазинаи пули нақд гузаронида мешаванд. Фаъолияти Фонд дар филиали н.Восеъ ва марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд дар ноҳияҳои минтақаи Хатлон ба роҳ монда шудааст. Фонд воситаҳои пулии аз истифодабарӣ маҳдудкардашуда надорад.

### 4.2 Қарз ба мизоҷон

Дар давраи ҳисоботӣ Фонд қарзҳоро барои рушди соҳибкорӣ ва барои таъмини талаботҳои истеъмолии аҳоли додааст.

Гурӯҳбандии сандуқи қарзӣ ба 31-уми декабри соли 2023 сохтори зерин дорад:

| | Шум. қарзҳо | Маблағи қарзҳо | ФПТИ | Ҳамагӣ | Ҳисса |
|---|---|---|---|---|---|
| Қолабӣ | 1 211 | 11 045 401 | - | 11 045 401 | 99,82% |
| Тамдидшуда | 1 | 7 620 | (519) | 7 101 | 0,07% |
| Таъхирафтода | 5 | 12 668 | (12 668)) | - | 0,11% |
| **Ҳамагӣ** | **1 217** | **11 065 689** | **(13 187)** | **11 052 502** | **100%** |

Гурӯҳбандии сандуқи қарзи ба 31-уми декабри соли 2022 сохтори зерин дорад:

| | Шум. қарзҳо | Маблағи қарзҳо | ФПТИ | Ҳамагӣ | Ҳисса |
|---|---|---|---|---|---|
| Қолабӣ | 1 233 | 10 151 093 | - | 10 151 092 | 98,5% |
| Тамдидшуда | 11 | 142 348 | (7 117) | 135 232 | 1,4% |
| Таъхирафтода | 6 | 15 068 | (15 068) | - | 0,1% |
| **Ҳамагӣ** | **1 250** | **10 308 509** | **(22 186)** | **10 286 324** | **100%** |

Аз рӯи мӯҳлати пардохт ба ҳолати 31 декабри соли 2023 сандуқи қарзӣ ба тарзи зерин тақсим мешавад:

| **мӯҳлат** | **маблағ** | **ҳисса%** | **шумора** | **ҳисса%** |
|---|---|---|---|---|
| аз 1 то 3мох | - | 0,0% | - | 0,0% |
| аз 4 то 6 мох | 176 694 | 1,6% | 29 | 2,4% |
| аз 7 то 12 мох | 3 234 196 | 29,2% | 610 | 50,1% |
| аз 13 то 24 мох | 7 384 655 | 66,7% | 576 | 47,3% |
| аз 25 то 36 мох | 270 144 | 2,4% | 2 | 0,2% |
| **Ҷамъ** | **11 065 689** | **100%** | **1 217** | **100%** |
| Захира барои ФПТИ | (13 187) | | | |
| **Ҳамагӣ арзиши соф:** | **11 052 502** | | | |

**ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ "ИМКОНИЯТ"**
**ХИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023**

Аз рӯи соҳаҳои иқтисоди гурӯҳбандии сандуқи қарзи дар санаи ҳисоботӣ чунин аст:

| соҳа | 2023 | | 2022 | |
|---|---|---|---|---|
| | **маблағ** | **ҳисса** | **маблағ** | **ҳисса** |
| Кишоварзӣ ва чорводорӣ | 2 870 412 | 25,9% | 2 181 972 | 21,17% |
| Истеҳсолот | 96 780 | 0,9% | 116 343 | 1,13% |
| Тиҷорат | 3 982 265 | 36,0% | 4 419 316 | 42,87% |
| Хизматрасонӣ | 2 068 856 | 18,7% | 1 660 976 | 16,11% |
| Қарзҳои истеъмолӣ | 352 415 | 3,2% | 427 815 | 4,15% |
| Дигар қарзҳо | 1 694 961 | 15,3% | 1 502 087 | 14,57% |
| **Ҳамагӣ** | **11 065 689** | **100** | **10 308 509** | **100** |
| Ҳисобкунии фоизҳо | 173 130 | | 147 128 | |
| Захира барои ФПТИ | (13 187) | | (22 185) | |
| **Ҳамагӣ арзиши соф** | **11 225 632** | | **10 433 452** | |

Дар давоми соли 2023 аз рӯи соҳаҳои хоҷагии халқ Фонд ба тариқи зайл қарзҳоро ба мизоҷон пешниҳод намудааст, чунин аст:

| соҳа | Бақияи қарз дар аввали сол | Қарзи додашуда | Бозгашти қарз | Бақияи қарз дар охири сол |
|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ ва чорводорӣ | 2 181 972 | 4 219 050 | 3 530 610 | 2 870 412 |
| Истеҳсолот | 116 343 | 151 000 | 170 563 | 96 780 |
| Тиҷорат | 4 419 316 | 6 281 950 | 6 719 001 | 3 982 265 |
| Хизматрасонӣ | 1 660 976 | 3 304 600 | 2 896 720 | 2 068 856 |
| Қарзҳои истеъмолӣ | 427 815 | 813 700 | 889 100 | 352 415 |
| Дигар қарзҳо | 1 502 087 | 3 052 450 | 2 859 576 | 1 694 961 |
| **Ҳамагӣ** | **10 308 509** | **17 822 750** | **17 065 570** | **11 065 689** |
| Ҳисобкунии фоизҳо | 147 128 | | | 173 130 |
| Захира барои ФПТИ | (22 185) | | | (13 187) |
| **Ҳамагӣ арзиши соф** | **10 433 452** | | | **11 225 632** |

Сандуқи қарзӣ дар тақсимоти меъёрҳои фоизӣ чунин намуд дорад:

| Меъёри фоизӣ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|
| то 20 фоизи солона | 527 445 | 491 354 |
| аз 21 то 24 фоизи солона | 146 986 | 136 928 |
| аз 25 то 30 фоизи солона | 3 057 028 | 2 847 848 |
| аз 31 то 36 фоизи солона | 7 334 230 | 6 832 379 |
| **Ҷамъ** | **11 065 689** | **10 308 509** |
| Захира барои ФПТИ | 173 130 | 147 128 |
| Ҳисобкунии фоизҳо | (13 187) | (22 185) |
| **Ҳамагӣ арзиши соф** | **11 225 632** | **10 433 452** |

**ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ “ИМКОНИЯТ”**
**ХИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023**

Мувофиқи сиёсати қарзи Фонд ба ҳайси таъминоти қарзҳо амволи ғайриманқул, маснуоти заргарӣ, чорвои шохдори калон, амволи хона, кафолати аъзоёни гурӯҳ ва зомини шахсони алоҳида гирифта мешавад.

**Сандуқи қарзи аз рӯи таъминнокӣ:**

| Номгӯи гарав | 2023 маблағи қарз | 2023 арзиши гарав | 2022 маблағи қарз | 2022 арзиши гарав |
|---|---|---|---|---|
| **Бо гарав таъминбуда:** | | | | |
| Амволи ғайриманқул | - | - | 620 000 | 680 500 |
| Амволи хона | 10 066 986 | 23 306 426 | 7 869 469 | 19 262 264 |
| Маснуоти заргарӣ | 89 802 | 160 249 | 826 187 | 1 171 187 |
| Таҷҳизот | - | - | - | - |
| Бо гарав таъминнабуда | 908 901 | | 992 853 | - |
| **Ҷамъ:** | **11 065 689** | **23 466 675** | **10 308 509** | **21 113 951** |
| Ҳисобкунии фоизҳо | 173 130 | | | 147 128 |
| Захира барои ФПТИ | (13 187) | | | (22 185) |
| **Ҳамагӣ арзиши соф** | **11 225 632** | | | **10 433 452** |

## 4.3 Дороиҳои дигар

| Номгӯй | 2023 | 2022 |
|---|---|---|
| Ҳисобҳо барои қабул | 57 | - |
| Фоизҳои ҳисобшуда барои гирифтан | 173 130 | 147 128 |
| Дороиҳои гуногун – пули миллӣ | 3 923 | - |
| Лавозимоти истифоданашудаи конселярӣ | 1 000 | - |
| Пешпардохти изофаи андоз | 96 949 | - |
| Хароҷотҳои пешпардохташуда | 14 771 | 146 906 |
| **Ҳамагӣ** | **289 830** | **294 034** |

## 4.4 Сармоягузори

ФҚХ “Имконият” дар тавозуни худ саҳмияи ҶСК НБО “Роғун”- ро ба маблағи 10 000 сомони ҳамчун сармоягузории мавҷуда нишон додааст. Маблағи зикршуда нисбати соли гузашта бетағйир боқӣ мондааст.

| Номгӯй | 2023 | 2022 |
|---|---|---|
| Саҳмияҳои НБО Роғун | 10 000 | 10 000 |
| Дигар | - | - |
| **Ҳамагӣ** | **10 000** | **10 000** |

## 4.5 Амвол ва таҷҳизот

| Воситаҳои асосӣ | Бино ва иншоот | Мебел ва асбоб | Таҷхизоти идорави | Воситаҳои нақлиётӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Арзини аввалин дар 01 январи 2022** | **844 271** | **62 466** | **169 125** | **93 878** | **1 169 740** |
| **Фарсоиши ҷамъшуда** | **-707 686** | **(28 064)** | **(81 468)** | **(52 547)** | **(869 765)** |
| **Арзиши соф ба 01 январи 2023** | **136 585** | **34 402** | **87 657** | **41 331** | **299 975** |
| Ворид шуд | 207635 | 21 731 | 63 565 | 3 200 | **296 131** |
| Хориҷ шуд | - | (1 650) | (12 730) | **-** | **(14 380)** |
| Истеҳлоки ҳисобшуда | (59 099) | (9 335) | (15 477) | (9 546) | **(93 456)** |
| Хориҷ намудани истеҳлоки ҳисобшуда | - | 1 650 | 12 730 | - | **14 380** |
| **Арзини аввалин дар 01 январи 2024** | **1 051 906** | **82 547** | **219 960** | **97 078** | **1 451 491** |
| **Фарсоиши ҷамъшуда** | **(766 785)** | **(35 749)** | **(84 215)** | **(62 093)** | **(948 841)** |
| **Арзиши соф ба 01 январи 2024** | **285 121** | **46 798** | **135 745** | **34 985** | **502 650** |

## 4.5 Дороиҳои ғайримодӣ

**Дороиҳои ғайримодӣ**

| | |
|---|---|
| **Арзини аввалин дар 01 январи 2022** | **194 040** |
| **Фарсоиши ҷамъшуда** | **(71 483)** |
| **Арзиши соф ба 01 январи 2023** | **122 557** |
| Ворид шуд | - |
| Хориҷ шуд | (11 250) |
| Истеҳлоки ҳисобшуда | (23 511) |
| Хориҷ намудани стеҳлоки ҳисобшуда | 11 250 |
| **Арзини аввалин дар 01 январи 2023** | **182 790** |
| **Фарсоиши ҷамъшуда** | **(83 744)** |
| **Арзиши соф ба 01 январи 2024** | **99 046** |

Таъминотҳои барномавӣ аз ҷумла "MFsys" ҳамчун дороиҳои ғайримоддӣ дар ҳисобот нишон дода шудааст. Фонд баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти худро дар асоси барномаҳои болозикр автомати кунонида, аксарияти ҳисоботҳои молиявӣ ва таҳлили сандуқи қарзиро ба таври автоматӣ ба роҳ мондааст.

**4.6 Қарзҳои гирифташуда**

Воситаҳои қарзии ҷалбнамудаи Фонд ба ҳолати 31 уми декабри соли 2023 чунин тартиб доранд:

| Номгӯ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|
| Қарзи гирифташуда | 2 279 225 | 1 718 499 |
| Дигар қарзҳо | - | 290 000 |
| Фоизҳои ҳисобшуда барои пардохт | 22 951 | 16 481 |
| **Ҳамагӣ:** | **2 302 176** | **2 024 980** |

Фонд барои васеъ намудани фаъолияти худ аз институтҳои маҳаллии молиявӣ, яъне аз Фонди Қарзии Хурди “Бозтамвил” захираҳои қарзиро дар асоси шартнома ҷалб намудааст.

**4.7 Ӯҳдадориҳои дигари ҷорӣ**

| Номгӯ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|
| Даромадҳои коркарданашуда | 396 096 | 1 138 008 |
| Ҳисобҳо барои пардохт | 581 | 4 775 |
| Иҷора барои пардохт | - | 1 900 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 300 000 | - |
| **Ҳамагӣ** | **696 677** | **1 144 683** |

Фонд дар қисмати ӯҳдадориҳои дигари ҷорӣ ӯҳдадориҳоро оиди даромадҳои коркарданашуда, иҷораи пардохтнашуда ва дигар ҳисобҳоро барои пардохт нишон додааст.

**4.8 Андозҳо барои пардохт**

| Номгӯ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|
| Фонди хифзи ичтимои | 21 041 | 21 961 |
| Андозхои музди меҳнат | 11 279 | 10 881 |
| Андоз аз фоида барои пардохт | - | 59 628 |
| Дигар андозҳо | - | - |
| **Ҳамагӣ** | **32 320** | **92 469** |

Фонд дар қисмати ӯҳдадориҳои андозӣ ӯҳдадориҳои андозии ҷорӣ аз рӯи музди меҳнат, фонди ҳифзи иҷтимоӣ ва андоз аз фоидаро барои пардохт нишон додааст.

**4.9 Сармояи иловагӣ**

Сармояи иловагии Фонд ба охири санаи ҳисоботӣ 5 600 001 сомониро ташкил медиҳад, ки афзоиши он дар натиҷаи иҷрои талаботҳои Дастурамали №239 Бонки миллии Тоҷикистон якҷояшавӣ бо ширкати духтарии худ ба вуҷуд омадааст. Маблағи сармояи иловагӣ нисбат ба соли гузашта бетағйир боқӣ мондааст.

| Номгӯ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|
| Сармояи иловагӣ | 5 600 001 | 5 600 001 |
| Ташаккулдиҳӣ / хориҷшавӣ | - | - |
| **Сармояи иловагӣ дар охири сол** | **5 600 001** | **5 600 001** |

## 4.10 Захираҳои умумӣ аз ҳисоби фоида

| Номгӯ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|
| Захираи умумӣ дар авали сол | 195 099 | 25 731 |
| Ташаккулдиҳи хориҷшави аз ҳисоби фоидаи тақсимнашуда | 31 233 | 169 368 |
| **Захираи умуми дар охири сол** | **226 332** | **195 099** |

Фонд захираи умумиро барои қарзҳои қолаби мутобиқи талаботи Сиёсати ҳисобгирии худ дар ҳудуди 2% барои қарзҳои қолабӣ аз ҳисоби фоидаи тақсимнашуда бо асъори миллӣ ташкил медиҳад.

## 4.11 Фоидаи тақсимнашуда

Дар ин моддаи " Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ" натиҷаҳои молиявии фаъолияти Фонд дар давоми давраҳои ҳисоботӣ нишон дода шудааст.

| Номгӯ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|
| **Фоидаи тақсимнашуда дар авали сол** | **2 584 423** | **1 771 697** |
| Фоидаи соф | 754 147 | 837 449 |
| Истифодабарии фоида | (34 426) | (24 723) |
| **Фоидаи тақсимнашуда дар охири сол** | **3 304 143** | **2 584 423** |

Фонд соли молиявии 2023 ро бо натиҷаи мусбӣ, яъне бо фоида ҷамъбаст намудааст. Маблағи фоидаи софи солона 754 147 сомониро ташкил медиҳад.

## 5. ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ДАРОМАДИ МАҶМӮӢ

### 5.1 Даромад ва хароҷоти амалиётӣ

Фонд дар рафти фаъолияти муқарарӣ даромади фоизӣ аз қарзҳо, аз фурӯши воситаҳои асосӣ ва дигар даромадҳоро ба даст меорад. Даромад ва хпроҷотҳо аз рӯи фаъолияти соли 2023 дар ҷадвалҳои зерин оварда шудаанд.

| **Даромади фоизӣ** | **2023** | **2022** |
|---|---|---|
| Даромади фоизӣ аз қарзҳои додашуда | 3 289 252 | 2 939 281 |
| Дигар даромадҳои фоизӣ | - | - |
| **Ҷамъ** | **3 289 252** | **2 939 281** |
| Хароҷотҳои фоизӣ | (179 504) | (173 919) |
| **Ҷамъ** | **(179 504)** | **(173 919)** |
| **Ҳамагӣ даромади софи фоизӣ** | **3 109 748** | **2 765 362** |

### 5.2 Барқарорсозии (ташаккулдиҳии) захираҳо

| **Даромад аз барқарорсозии қарзҳо** | **2023** | **2022** |
|---|---|---|
| Даромад аз барқарорсозии дороиҳои соқитшуда | - | - |
| Даромад аз барқарорсозии қарзҳо | 22 687 | 32 585 |
| Даромад аз барқарорсозии қарзҳои тамдидшуда | - | - |
| **Ҷамъ** | **22 687** | **32 585** |
| Ташаккулдиҳии захираҳо | | |
| ФПТИ аз рӯи қарзҳо батаъхирафтода | (13 477) | (32 866) |
| ФПТИ аз рӯи қарзҳо тамдидшуда | - | - |
| **Ҷамъ** | **(13 477)** | **(32 866)** |
| **Ҳамагӣ даромади соф аз барқарорсозии (ташаккулдиҳии) захираҳо** | **8 999** | **(281)** |

### 5.3 Даромад хароҷоти ғайрифоизӣ

| **Даромад (хароҷоти аз амалиётҳои асъорӣ** | **2023** | **2022** |
|---|---|---|
| Даромад аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | - | - |
| Хароҷоти аз амалиёт ба асъори хориҷӣ | - | - |
| **Ҷамъ:** | **-** | **-** |
| Даромади комиссиони ва хизматрасонӣ | 132 886 | 114 473 |
| Хароҷоти комиссиони ва хизматрасонӣ | (45 478) | (47 186) |
| **Ҷамъ:** | **87 408** | **67 287** |

| **5.4 Дигар даромад/хароҷотҳои ғайрифоизӣ** | **2023** | **2022** |
|---|---|---|
| Даромад аз фурӯши воситаҳои асосӣ | 400 | - |
| Даромад аз сармоягузори барои фурӯш | - | - |
| Дигар даромадҳо | 1 028 905 | 745 579 |
| **Ҷамъ:** | **1 029 305** | **745 579** |
| **Ҳамаги даромад (хароҷотӣ) ғайрифоизи** | **1 116 713** | **812 866** |

### 5.5 Хароҷотҳои амалиётӣ

| Номгӯ | 2023 | | 2022 | |
|---|---|---|---|---|
| | маблағ | ҳисса % | маблағ | ҳисса % |
| Музди меҳнат | 1 435 679 | 43,73% | 1 487 598 | 59,03% |
| Пардохтҳои иловагӣ | 690 808 | 21,04% | 15 300 | 0,61% |
| Андози иҷтимои | 451 154 | 13,74% | 324 245 | 12,87% |
| Дигар пардохтҳои иловагӣ | 129 284 | 3,94% | 118 078 | 4,69% |
| Аудити беруна | 25 875 | 0,79% | 64 975 | 2,58% |
| Хизматрасонии касбӣ | 51 461 | 1,57% | 37 284 | 1,48% |
| Ҷарима ва ноустуворихои БМТ | 2 516 | 0,00% | 0 | 0,00% |
| Суғуртаи молу амвол | 1 484 | 0,00% | 2 138 | 0,05% |
| Дигар андозҳо ва иҷозатномаҳо | 5 742 | 0,00% | 5 406 | 0,21% |
| Таъмиру муоинаи техникӣ | 15 508 | 0,47% | 16 076 | 0,64% |
| Хароҷоти техникаи иттилоотӣ | 6 989 | 0,21% | 6 519 | 0,26% |
| Фарсудашави ва истеҳлок | 116 967 | 3,56% | 109 723 | 4,35% |
| Сӯзишвори ва маводи сухт | 38 911 | 1,19% | 56 998 | 2,26% |
| Сафари хидматӣ | 36 727 | 1,12% | 25 703 | 1,02% |
| Хароҷоти хизмати бехатарӣ | 22 522 | 0,69% | 18 853 | 0,75% |
| Хароҷоти алоқа | 25 864 | 0,79% | 24 789 | 0,98% |
| Хароҷоти иҷора | 97 440 | 2,97% | 90 240 | 3,58% |
| Хароҷоти конселяри | 33 795 | 1,03% | 28 708 | 1,14% |
| Хароҷоти намояндагӣ | 4 926 | 0,15% | 1 830 | 0,07% |
| Хароҷоти коммунали | 32 096 | 0,98% | 30 112 | 1,19% |
| Хароҷоти аъзоҳақӣ | 6 000 | 0,18% | 3 729 | 0,15% |
| Хароҷоти обуна | 100 | 0,00% | 810 | 0,03% |
| Хароҷоти реклама | 2 549 | 0,08% | 5 523 | 0,22% |
| Хайрия ва эҳсонкорӣ | 9 600 | 0,29% | 5 600 | 0,22% |
| Хароҷотҳои дигар | 39 307 | 1,20% | 40 700 | 1,62% |
| **Ҳамагӣ хароҷотҳои амалиётӣ** | **3 283 307** | **100%** | **2 520 937** | **100%** |

### 5.6 Андоз аз фоида

Мувофиқи сиёсати баҳисобгирии қабулгардида, барои ҳисоботи молиявӣ Фонд даромад ва хароҷотҳоро бо усули ҳисобу замкунӣ эътироф мекунад. барои риоя ба талаботҳои Кодекси Андоз фоидаи муҳосиби ба фарқиятҳои муваққати ва доимӣ ислоҳ (тасҳеҳ) карда шудаанд.

Фонд дар соли ҳисоботӣ ба маблағи 952 153 сомонӣ фоидаи пеш аз андозбандишаванда дорад. Барои соли ҳисоботь меъёри андоз аз фоида 20% мебошад ва маблағи андоз аз фоида бе дарназардошти фарқиятҳои доимӣ ва муваққатӣ 198 005 сомониро ташкил додааст.

**Эзоҳи 6. Амалиётҳо бо иштироки тарафҳои алоқаманд**

Мувофиқи СБХМ ( IAS) 24 " Ошкор кардани маълумот оиди ҷонибҳои вобаста" – ҷониби вобаста – алоқаманд мегардад агар:
(a) чунин ҷониб бевосита ё бавосита , ба воситаи як ё зиёда миёнаравон:
(i) корхонаро идора мекунад ё зери назорати он аст, ё агар корхона ва чунин ҷониб зери назорати умуми бошад ( ба он ҷо корхонаҳои модарӣ, корхонаҳои фаръи ва корхонаҳои фаръии як корхонаи модарӣ дахл доранд):
(ii) дар корхона ҳиссае дорад, ки таъсири назарраси ӯро ба корхона таъмин мекунад ё корхонаро якҷо назорат мекунад.
(b) ҷониб корхонаи асотсиатсияшудаи ҳамин корхона аст;
(c) ҷониб фаъолияти якҷоя аст ки корхона иштирокчии он аст СБХМ ( IFRS) 11 " Соҳибкории якҷоя" :
(d) ҷониб ба таркиби ҳайати роҳбарикунанда ё корхонаи модарии он дохил мешавад;
(e) ҷониб хеши наздики яке аз шахсонест, ки дар п.(a) зикр шудаанд;
(f) ҷониб корхонаест, ки таҳти назорат назорати якҷоя ё таъсири назарраси ягон нафар аз шахсони п.(d) ё п.(e) зикршуда мебошад ё чунин шахсон дар ҳамин корхона бевосита ё бавосита ҳуқуқи овоздиҳии назаррас доранд;
(g) ҷониб нақшаи мукофотҳоро баъди анҷоми фаъолияти меҳнатӣ барои кормандони корхона ё ягон корхонае, ки ҷониби вобастаи корхона аст, муайян менамояд.

Дар давраи ҳисобот чунин амалиётҳо бо иштироки тарафҳои алоқаманд дар Фонд ҷой доштаанд.

| | **2023** | **2022** |
|---|---|---|
| Мукофотпулии коргарони роҳбарикунанда | 408 034 | 263 209 |
| Йарзҳои ба кормандон додашуда | - | 39 075 |
| **Ҳамагӣ:** | **408 034** | **302 284** |

Қарзҳои хурди истеъмолӣ ба се нафар корманди Фонд бо фоизи умумӣ бе имтиёз дода шудааст ва пардохти саривақтии он аз тарафи кормандон таъмин карда шудааст..

**Эзоҳи 7. Ӯҳдадориҳои Шартӣ**

Мувофиқи исҳороти Роҳбарият, Фонд ба санаи 31.12.2023 ӯҳдадориҳои шартӣ надорад.

**Эзоҳи 8. Рӯйдодҳои ба амаломада баъд аз санаи муарифии ҳисобот**

Баъд аз санаи муаррифии ҳисоботи молиявӣ ходисахои назаррасе, ки метавонанд ба хисоботи молияви таьсир расонанд ба вукуь наомадааст.

## 6. <u>ХАВФҲО</u>

### 6.1. Хавфи қарзӣ

Дар фаъолияти Фонд хавфи қарзӣ доимо мавҷуд аст ва он ба саривақт пардохт нашудан ва ё нопурра пардохт шудани ӯҳдадории қарзӣ ва фоизҳои ҳисобшуда он аз тарафи қарзгирандагон вобаста мебошад.

Чораҳои пешгирӣ аз дучоршавӣ ба хавфи қарзӣ бо роҳи мунтазам таҳлил намудани ҳолати пардохтпазирии мизоҷон ва қарзгирандагони потенсиалӣ оиди пардохт намудани ӯҳдадории қарзӣ ва фоизҳои ҳисобшудаи он идора карда мешавад.
Хавфи қарзӣ инчунин бо роҳи гирифтани гарави амвол ва кафолати фарди идора карда мешавад. Ба сифати таъминоти гарав дороиҳои зерин баромад мекунанд: амволи манқул ва ғайриманқул, маснуоти заргарӣ, амволи хона ва кафолати шахсони алоҳида.

### 6.2 Хавфи пардохтпазитрӣ

Хавфи пардохтпазирӣ- хавфи пеш омадани мушкилот ҳангоми дарёфти маблағҳои пулӣ барои баргардонидани  пардохти ӯҳдадориҳо мебошад ки бо воситаҳои молиявӣ ҳангоми расидани мӯҳлатҳои воқеии пардохти онҳо расидааст, алоқаманд мебошанд.
Фонд дар таъмини  ба таври ҳаррӯза ба воситаҳои озоди пулӣ барои пардохти қарзҳо ва дигар намуди талаботи ҷорӣ барои воситаҳои молиявии пардохтшаванда ва воситаҳои пулимушкилӣ надорад. Фонд назорати пардохтпазириро бо мақсади таъмини  мавҷудияти воситаҳои пулии дар ҳар давраи зарурӣ барои пардохти ӯҳдадориҳои вобаста ба ҳаракати воситаҳои пулӣ ҳангоми расидани мӯҳлати пардохти онҳо анҷом медиҳад. Воситаҳое, ки Фонд барои назорати пардохтпазири истифода мебарад ташхиси пешбиниҳои ҳаракати воситаҳои пулӣ мебошад.
Назорати хавфи фоизӣ тавассути дар тавозун нигоҳдоштани мӯҳлати пардохти ӯҳдадориҳо ва дороиҳои Фонд амалӣ мегардад . Баҳогузории дурнамои андозаи хавфи фоизӣ барои ҳар як модда боиси он мегардад, ки барои ба ҳадди ақҷал расонидани таъсири он ба даромади Фонд чораҳои бадшавии нишондиҳандаи сармоя оварда расонад. Дар охири соли ҳисоботи Фонд ӯҳдадориҳои назаррасе надорад, ки боиси хавфи пардохтпазирии он гардад.

### 6.3 Хавфи асъорӣ

Аз сабаби оне, ки ФҚХ ба мизоҷон қарзро бо асъори миллӣ пешниҳод менамоядва дар давраи ҳисоботи қарз аз дигар ташкилотҳои қарзӣ бо асъори хориҷӣ надорад, хавфи асъории он паст мебошад.

**Директор ____________________ Саидова Ф.Б.**

**Сармуҳосиб ___________________ Стельникова Т.В.**